Бо Қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи пасандозҳои
шахсони воқеӣ
№ 13 аз " 26 " 09 2018 с.
"Тасдиқ шудааст".

# ТАРТИБИ БАҲИСОБГИРИИ ПАСАНДОЗҲОИ СУҒУРТАШУДА ДАР ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ

Тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ барои пардохти ҷубронпулии суғурта (минбаъд - Тартиб) мутобиқи талаботи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" таҳия шуда, тартиби баҳисобгирии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеиро дар ташкилоти қарзӣ барои пардохти ҷубронпулии суғурта муқаррар менамояд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Ташкилоти қарзие, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҷалби пасандозҳои шахсони воқеиро анҷом медиҳад ва узви Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд – Хазина) мебошад, баҳисобгирии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеиро тибқи Тартиби мазкур амалӣ менамояд.

2. Дар Тартиби мазкур ба ташкилоти қарзӣ оид ба пешбурди Феҳристи баҳисобгирии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дастур дода мешавад.

3. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

**- ҷубронпулии суғурта** - маблағе, ки пасандоздор ба гирифтани он мутобиқи Қонун ҳангоми фаро расидани ҳолати суғуртавӣ ҳуқуқ дорад;

**- бонк-агент** – ташкилоти қарзие, ки барои пардохти ҷубронпулии суғурта аз ҷониби Шӯрои нозирони Хазина интихоб ва тасдиқ шудааст;

**- пардохтҳо -** ҳаққи узвият, пардохтҳои тақвимӣ ва иловагӣ, ки ташкилотҳои қарзӣ мутобиқи Қонуни мазкур ба Хазина пардохт менамоянд;

**- пасандоздор** - шахси воқеие, ки дар ташкилоти қарзӣ пасандоз дорад.

## 2. ТАҲИЯИ ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ПАСАНДОЗҲОИ СУҒУРТАШУДАИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

4. Ташкилоти қарзӣ уҳдадор мешавад, ки дар низоми автоматикунонии бонкии худ, пешбурди Феҳристи баҳисобгирии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеиро (минбаъд – Феҳристи пасандоздоронро) тибқи Тартиби мазкур ҷорӣ намояд.

5. Феҳрист пасандоздорон аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ҳар семоҳа ба санаи 1-уми пас аз семоҳаи ҳисоботӣ ва ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ ҷамъбаст карда мешавад. Феҳристи пасандоздорон аз ҷониби ташкилоти қарзӣ дар низоми автоматикунонии бонк бойгонӣ карда мешавад.

6. Маълумоти мутобиқи Тартиби мазкур ҷамбастгардида барои муайян ва пардохт намудани маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзӣ аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд - Хазина) ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ асос мегардад.

7. Ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ мутобиқи Тартиби мазкур маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор мутаносибан ба маблағи уҳдадории пасандоздор аз рӯи қарз дар назди ташкилоти қарзӣ кам карда мешавад.

8. Феҳристи пасандоздорон мутобиқи замимаи 1 (Ҷадвали "Маълумот оид ба пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ташкилоти қарзӣ барои ҳисоби ҷубронпулии суғурта»)-и Тартиби мазкур ташкил карда шуда дар шакли электронӣ пеш бурда мешавад.

9. Ҷадвали "Маълумот оид ба пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ташкилоти қарзӣ барои ҳисоби ҷубронпулии суғурта» (Замимаи 1) мутобиқи Замимаи 2 (Тарзи пур кардани ҷадвали "Маълумот оид ба пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ташкилоти қарзӣ барои ҳисоби ҷубронпулии суғурта») пур карда мешавад.

## 3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

10. Ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ мудири махсус ва ё барҳамдиҳандаи ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта дар муддати 5 (панҷ) рӯзи корӣ ба Хазина Феҳристи пасандоздоронро барои пардохти ҷубронпулии суғурта, ки дар асоси ҷадвали "Маълумот оид ба пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ташкилоти қарзӣ барои ҳисоби ҷубронпулӣ» таҳия шудааст, пешниҳод менамояд (Замимаи №3 Тартиби мазкур).

11. Пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони суғурташуда мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони суғурташуда анҷом дода мешавад.

12. Уҳдадории ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта дар назди пасандоздорон ба маблағи пардохтшудаи ҷубронпулии суғурта аз ҷониби Хазина кам карда мешавад. Қисми боқимондаи уҳдадории ташкилоти қарзии барҳамдодашуда дар назди пасандоздорон мутобиқи моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" қонеъ карда мешавад.